# Таъбири хобҳои Шайх Санъон

## (Аз ҳикояти «Шайх Санъон»-и Фаридуддин Аттор)

Адабиёти форсӣ тӯли қуруни зиёд ҷавҳари аслии хешро бо зевари ҳикамҳи қуръонӣ пероста, дар партави каломи Худованд пурбор гардидааст. Ағлаби шуаро ҳадафи аслии хешро аз ҳамду санои Худованд шурӯъ намуда, бо шукргузорӣ хотима додаанд. Дар натиҷа аз партави Қуръони азимушшаън ашъори шуарои форсизабон мазомини касире кашф намуда, пазиро ва ғанӣ гардидааст. Аз ин ҷост, ки ҳамин нусрату нузҳати оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ аз маърифатгари ашъор огоҳии комиле аз Қуръон ва аҳодисро талаб менамояд, ки ба дарки матлаби шоир бирасанд.

Аз ин лиҳоз ҳамеша шореҳон зимни шарҳу басти матнҳои адабӣ кӯшидаанд, ки ояҳои Қуръон ва ҳадисҳои набавиро чун муҳимтарин меъёри фаҳми матолиби шоир қарор диҳанд.

Фаридуддин Аттор ҳам аз партави каломи худованд сухани худро зиёда баҳравар гардонида, ҷони ашъорашро минҷумла—асараш «Мантиқ—ут—тайр»-ро бо анвори оёти раббонӣ мунаввар сохтааст.

Маълум, ки афкори Аттор аз андешаҳои рамзӣ пурбор буда, шоир огоҳ аз улуми динӣ, таълимоти фалсафӣ ва ирфонӣ аст.

Парвардигор ба пайғамбарони худ мӯъҷиза ва ба валиёни худ кароматҳо ато намудааст.

Аз таърихи Ислом ва тасаввуф маълум аст, ки кашфу кароматнишондиҳӣ аз тарафи он фардҳое зоҳир мегардад, ки рӯҳи поку ақли комил ва эътиқоди мустаҳкам дошта бошанд.

Модом, ки чунин аст Шайх Санъон ҳам шахси баркамол буда, қисмату қадари худро дар тарозуи хоби дидаи худ баркашида амал намудааст. Ана, ҳамин муаммои «Тақдири азалӣ» дар ҳикоят баръало намоён аст. Маълум аст, ки хобҳоро ба ҳолатҳо, хелҳо қисмат мекунанд ва қисми ками онҳо хобҳои рост ба шумур меравaнд. Ҳангоми таҳлили ҳикоя ба чунин ақида омадем, ки хобҳои Шайх Санъон хобҳои рост ба шумор мераванд.

Аттор ин ҳолатро чунин ба қалам додааст:

**Гарчи худро зиндаи асҳоб дид,**
**Чанд шоме ҳамчунон дар хоб дид.**
**К-аз Ҳарам дар Рум афтодӣ мақом,**
**Саҷда мекардӣ бутеро бардавом.**

Аз мисраъҳои болоӣ маълум аст, ки Шайх Санъон такрор ба такрор хоб мебинад, ки аз Каъбатуллоҳ сӯи Рум рафтаасту бутеро саҷда дорад. Шайх Санъон сахт ҳайрон мешавад ва изтироби номаълуме ӯро беқарор месозад:

**Чун бидид ин хоб бедори ҷаҳон,**
**Гуфт дардову дареғо, к-ин замон.**
**Юсуфи тавфиқ дар чоҳ уфтод**
**Уқбаи душвор дар роҳ уфтод.**

Шайхи валитабъ баъди дидани хоб дуру дароз дар худ андешид. Дарк намуд, ки бар сари ӯ мушкили сахте омад. Аз оқибати кор андеша дошт, лекин чӣ илоҷ? Фаҳм намуд, ки дину имони ӯ дар хатар аст. Машаққатҳои сахт садди роҳанд. Роҳи халосӣ меҷуст:

**Менадонам то аз ин ғам ҷон барам,**
**Тарки ҷон гуфтам агар имон барам.**

Дар худ меандешид, ки агар ҷонамро раҳо кунам, аз имон ҷудо гардиданам аниқ, агар имонро наҷот диҳам, бо ҷон бояд видоъ гӯям.

**Нест як тан дар ҳама рӯи замин,**
**К-ӯ надорад ӯқбае дар раҳ чунин.**

Аз хаёли Шайх мегузашт, ки шояд дар рӯи олам одаме ёфт нашавад, ки ба чунин ҳолати вазнине, ки ӯ гирифтор аст, андармон бошад.

Баъди андешаҳои дуру дароз Шайх ба хулосае омад, ки агар аз оқибати кор хабардор шуданӣ бошад, ба ҳамин хобҳои дидааш қаноат ҳосил намуда аз паси санҷиши сарнавишташ гардад, то дуру дароз дар ин фикру хаёл набошад:

**Охируламр он ба дониш устод,**
**Бар муридон гуфт корам уфтод.**
**Мебибояд рафт сӯи Рум зуд,**
**То шавад таъбири ин маълум зуд.**

Ахиран, Шайхи донишманд бар муридони худ муроҷиаткунон гуфт, ки бар ман коре баромад, бояд сӯи Рум равона гардам.

Ҳамин тариқа Шайх ба хоби худ амал намуда, сӯи Рум равона мешавад ва он чизе, ки дар хоб дида буд, амалан ба вуқӯъ мепайвандад.

Дар ҳикоят натанҳо Шайх хоб мебинад, инчунин шогирди содиқи Шайх ва духтари тарсо ҳам хоб мебинанд.

Муриди Шайх, ки ҳангоми сафари устодаш дар сафар буд, омада, аз воқеаҳо хабардор гашта, дигар муридони Шайхро маломат карда, аз паси Шайх равона мегардад.

Чиҳил шабонарӯз дар тоату ибодат сафар карда хоб мебинад:

**Баъди чил шаб он муриди покбоз,**
**Буд андар хилват аз худ рафта боз.**
**Субҳидам боде баромад мушкбор,**
**Шуд ҷаҳони кашф бар дил ошкор.**

Ҳамин тариқа дар хоб Пайғамбар Муҳаммад мустафоро мебинад. Муриди содиқ ба ҳазрати рисолатпаноҳ арзи ниёз намуда, баҳри раҳоии устоди худ наҷот металабад.

Мустафо башорат медиҳад, ки Шайх аз банд озод гашта, имони худро дарёфт намуд. Муридон бо шавқу завқи беандоза ба пешвози устоди худ мераванд. Шайхро аз вартаи ҳалокат наҷотёфта дида, хурсанд мешаванд. Ҳама сӯи Каъбатуллоҳ равона мегарданд.

Дар ҳикоят Шайх Аттор боз як хоби дигарро баён месозад.

Баъди сӯи Ҳиҷоз раҳсипор шудани Шайх духтари тарсо хоб мебинад. Ин манзараро Аттор чунин қаламдод намудааст:

**Чун даромад духтари тарсо ба хоб,**
**Мавҷ зад нур аз дилаш чун офтоб.**
**Офтоб онгоҳ бикшода забон,**
**Гуфт, ҳон шав аз шайхат равон!**
**Мазҳаби ӯ гиру хоки ӯ бибош,**
**Аз палидаш карда покӣ ӯ бибош.**

Дар давоми хоб «офтоб» духтари тарсоро маломаткунон мегӯяд: Ӯ баҳри ту омад аз Ҳиҷоз, лекин одати меҳмоннавозиро фаромӯш сохта ӯро аз раҳ задӣ.

Бояд ту ҳамроҳу ҳаммаслаки ӯ бошӣ.

Духтари тарсо сахт дар изтироб афтод ва беқарору оҷизу ҳайрон бимонд. Чӣ кор карданашро надониста фарёдзанон берун давид ва аз паи Шайх равона гашт.

Шайхро аз дарун эълом намуданд, духтари тарсо аз тарсоӣ берун омад ва сӯи ту равона аст. Шайху духтари тарсо ба ҳам бипайвастанд. Духтари тарсо аз Шайх дархост намуд, ки ислом арза куну роҳи Ҳақро бар ман бинамо. Ва имонро дарёфту сар рӯи зонуи Шайх ниҳода, ҷон таслим намуд.

Агар ба ҳолати баёни хоб дар қисса эътибор диҳем, мебинем, ки хобҳои дар ҳикоят баёнёфта вақти саҳар дар ҳолати нимхобу нимбедорӣ ба амал омадааст. Аҳли илм айнан ҳамин намуди хобро саҳеҳ ҳисобидаанд, чунки дар ин муддат пайвастшавии рӯҳи инсониро ба олами ғайб муқаррар меҳисобанд.

Дар ҳикоят масъалаи эътиқод дар мадди аввал меистад. Аттор ба воситаи симои муриди содиқ эътиқоди қавӣ доштанро талқин менамояд.

Бинобарин ҳангоми хоббинӣ Муҳаммад алайҳиссалом ба ӯ башорат медиҳад:

**Мустафо гуфт, эй ба ҳиммат**
**бас баланд,**
**Рав, ки шайхатро бурун**
**кардам зи банд.**
**Ҳиммати олит кори хеш кард,**
**Дам назад то Шайхро дар**
**пеш кард.**

Аттор ҳангоми баёни таъбири хоб, маҷмӯи хислатҳои хуби инсониро талқин менамояд ва ба қолаб меандозад.

Шоир ба воситаи ин ҳикояти худ ба таълимоти тасаввуфӣ, ки мурид бояд ба иродаи муршид тобеъ бошад ишора менамояд.

Барои аз вартаи ҳалокат халос кардани Шайх мурид аз самими қалб ва ниёзмандии тамом ибодату муноҷот мекунад:

**Ҷумларо чил шаб на хӯр буду**
**на хоб,**
**Ҳамчу чил шаб рӯз на нону на об.**
**Аз тазаррӯъ кардани он қавми**
**пок,**
**Дар фалак афтод ҷӯши сабънок.**

Аттор ба тавассути абёти мазкур ва осори хеш инсонҳоро ба вафодориву садоқат ва покиву покизакорӣ даъват менамояд.

**Ф.ИСОМИДДИНОВ,**
**номзади фанҳои филологӣ.**
Ш. АНГРЕН.

---

*Мероси ниёгон*

# Пир донистаро парӣ надонад

**Хурмати пирон намову аз ҷавонӣ бас манол,**
**Дон, ки пирон низ айёми ҷавонӣ дидаанд.**

Дар эҷодиёти даҳонакии халқҳои ҷаҳон зарбулмасалу мақолҳо мавқеи муҳим доранд. Аз забони мардум шунидани ин ё он зарбулмасалу мақол ба кас лаззати беандоза мебахшидааст. Ба қарибӣ дар давраи дӯстонае оиди таърихи пайдо шудани мақоли «пир донистаро парӣ надонад» варианти ӯзбекиаш «қари билганни пари билмас» сӯҳбате барпо гашт. Хостам мухтасари он сӯҳбатро ба қалам диҳам. Гумон мекунам, ки аз фоида холӣ нест.

Таърихи баромади мақоли болоиро ба ривояте вобаста медонанд. Мухтасари он ривоят чунин аст:

Дар замонҳои қадим пиронсолонро ба кӯҳи марг бурда мепартофтанд. Аммо ҷавоне, ки падари бузургворашро аз ҳад зиёд дӯст медошт, аз ин кор худдорӣ кард. Яъне падарашро пинҳон намуд...

Рӯзе аз рӯзҳо подшоҳ бо киштӣ ба сафар баромад. Ногоҳ шамоли сахте шуда, онҳоро ба соҳил баровард. Ҳама ба соҳил фуромаданд. Ин ҷо макони париҳо будааст. Подшоҳ сайркунон ба баландие расид. Он ҷо дид, ки дар қаъри дарё чизи ялаққосие, ки ҳаҷмаш тухм барин буд, истодааст. Ба навкаронаш фармуд, ки дарҳол он гавҳари қиматбаҳоро аз дарё гирифта назди ӯ оранд. Паси ҳам чанд ғаввос ба дарё даромаданд, аммо гавҳарро наёфта берун омаданд.

Подшоҳ ба ин гавҳари сеҳрнок маҳлиё гашта, фармон дод: касе, ки ин гавҳари ноёбро бурун орад, ба ӯ сарвати беҳисоб хоҳад дод. Дар акси ҳол ба қатл ҳукм карда мешавад.

Навбат ба ҷавоне, ки падарашро пинҳон карда буд, расид. Ӯ акнун ман кушта мешавам,—гӯён барои хайрухуш назди падараш рафт. Падараш аз воқеа хабардор гашта, гуфт, ки гавҳарро аз даруни дарё не, балки аз соҳил, аз ҳамон баландӣ бояд ҷуст. Дар соҳил бояд дарахте бошад. Дар шохи он дарахт лонаи паррандае буданаш мумкин. Гавҳар дар ҳамон лона аст ва шӯълаи он ба дарё мезанад.

Писар ба маслиҳати падар амал карда, ба соҳил омад ва боэҳтиёт ба дарахте, ки як шохаш болои дарё истода буд, баромад. Дид, ки дар лонаи овезони шохи дарахт гавҳари ноёб истодааст. Дарҳол онро гирифта поён фаромад.

Дар лонаи парранда мавҷуд будани гавҳари ноёбро, ҳатто париёни ин ҷо ҳам намедонистаанд.

Подшоҳ аз ҷавон пурсид, ки чӣ тавр гавҳари ноёбро ёфтӣ? Ҷавон маҷбур шуд бигӯяд, ки ҳамаи ин маслиҳатро падари бузургвораш додааст. Аз ҳамон вақт подшоҳ на фақат падари он ҷавонро озод, балки қонуни куштани тамоми пиронсолонро бекор кардааст...

Азизон, дидем, ки воқеан он чизро, ки пирон медонанд, париён ҳам намедонистаанд. Месазад, ки мо, ҷавонон, низ сари ҳар қадам аз пирони оқилу доно ва барнодил маслиҳатҳо бигирем.

«Бе пир марав, ки дар бимонӣ,

Ҳарчанд Сикандари замонӣ»,—

гуфтаанд.

Биёед, ҳамсолону ҷавонони азиз, баҳри рушду камоли мамлакати ҷавони соҳибистиқлол ва офтобиамон аз як гиребон сар бароварда, пиронсолону мӯйсафедонро дар ҳама гуна кору амаламон маслиҳатгару саркор донем. Аз таҷрибаи бою ҳаётии онҳо баҳраҳо бардорем.

**Аъзамҷон МАВЛОНОВ,**
**омӯзгори мактаби ба номи У.Юсуфови ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.**

---

**Мирзо КЕНҶАБЕК**

# Розҳои сабзи Шероз

### Сарвҳои Шероз

*Маро гардид аён дар хоки Шероз,*
*Қаробатҳои сарву шеъри мумтоз.*
*Ва чун дар хилвати боғи тасаввур,*
*Фақат бо сарв гуфта шоирон роз.*

*Бишуд рӯшан, ки сарвистонҳои сарсабз,*
*Зимистону хазонфасле надоранд.*
*Тамоми ошиқон шайдои сарванд,*
*Ба дил ҷуз ишқи ӯ тухме накоранд.*

*Ҳиҷобешон ба сар сабзу пазирост,*
*Ту гӯи бофта достони санъат.*
*Равон дар боғ пиндорӣ на сарв аст,*
*Равон шеър аст дар айвони санъат.*

*Бишуд чашми дилу чашми равон боз,*
*Зи ҳусни сарвҳои сабзи Шероз.*
*На шоир он, ки васфи сарв кардаст,—*
*Бувад аз ошиқони маҳрами роз.*

### Фоли Ҳофиз

*Зоирин бо Ҳофизи Шерозиянд,*
*Марқади ӯро зиёрат мекунанд.*
*Олами вайрони дилро бегумон,*
*Андар ин даргоҳ иморат мекунанд.*

*Пиру барно толиби рӯзи хушанд,*
*Маншаи пайғом бошад қалби боз.*
*Карда во девони Ҳофиз бо умед,*
*Фол бинад мардум аз рӯи ниёз.*

*Ҳар кӣ дорад гар канори во ба дӯст,*
*Нури ҳиммат ёбаду ҳайрон равад,*
*Баҳри Ҳофиз ин чи бахти беназир,*
*Ғамгин аз даргоҳи ӯ шодон равад.*

*Фоли ӯро бо дигар фолон қиёс,*
*Айб бошад кардан, ай соҳибназар.*
*Ӯ лисонулғайб бошад бегумон,*
*Маҳрами роз аст, дарёи гуҳар.*

*Шеъри ӯ бешубҳа Қуръони дарист,*
*Мункири девон бувад девони ӯ.*
*Қалби инсон каъбатайни шоир аст,*
*Дил ба даст овардан аст имони ӯ.*

*Ҳофизо, ҳамду сано бодо туро,*
*Сабз дидам боғи ҳарфат ҷовидон.*
*Фоли ту доим муборак будааст,*
*Аз барои покбозони ҷаҳон.*

### Мавлоно

***Мо барои васл кардан омадем,***
***Не барои фасл кардан омадем.***
*Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ.*

*Миёни санъати ҳарфи башар дурдона Мавлоно,*
*Мусалмон як ҷаҳон бошад туӣ якдона, Мавлоно.*

*Ҷаҳонро ҷон бувад ориф, ба ҳикмат кон бувад ориф,*
*Кушояд ғунчаи дилро яқин фарзона Мавлоно.*

*Дурудаш най, сурудаш най, саропои вуҷудаш най,*
*Кунад ёди Ватан, нолад ҳамон мастона Мавлоно.*

*Ҳисомиддин баён созад, ҷамоли Ҳақ аён созад,*
*Надорад ҳар касе бовар бувад бегона, Мавлоно.*

*Зи фарти хоксориҳо азизон дил ба даст оранд,*
*Зи ту обод дилҳои шақу вайрона, Мавлоно.*

*Басе бутхонасон дилҳо паю бӯ бурда аз тавҳид,*
*Сабаб—он оташи ишқи даруни сина, Мавлоно.*

*Ҳама нури ҷаҳон бошад фурӯғи ҳақ, зиёи ҳақ,*
*Дар ин анвор оғушта ҳамон афсона, Мавлоно.*

*Гурӯҳе шоирон миранд, мемирад суханҳошон,*
*Зи байни қарнҳо дорад гузар мардона Мавлоно.*

*Аз ӯзбекӣ тарҷумаи*
*Абдулло СУБҲОН.*

---

### «Арӯси ғоратгар»

Духтари булҳаваси чинӣ роҳи аҷиби пулёбиву сарватҷамъкуниро дарёфтааст. Ӯ ҷавонони зебою сарватмандро ғорат мекунад. Яъне вай ба ин ҷавонон аз хусуси ишқу муҳаббати поки худ ҳарф зада, онҳоро то ба идораи ақди никоҳ мебараду бо ҳамин суроби худро нишон намедиҳад. Яъне молу мулкро ба яғмо мебарад.

Вале ҳилаҳои вай тӯл накашид. Дар тӯи навбатӣ санами булҳавасро яке аз меҳмонон шинохт. Вай падари домоде буд, ки санам ба чандин ҳазор рубл афтонда рафтааст.

Ӯ шубҳаҳои худро рӯзи дигар ба ҳақиқат мубаддал сохтанӣ буд. Вале дер кард. Чунки «арӯси ғоратгар» ҳушёрӣ карда, ангуштарини қиматбаҳо ва зебу зевари ин хонадонро гирифта, ғайб зада буд.

### Ба инсоф омад

Александр Вагирни екатеринбургӣ дуздӣ гузаро буд. Бештар мастон ва хонадони одамони заифро ғорат мекард. Бо хишт ва ё дигар чиз ба сари онҳо мефуровардy чизу чораи даркориро гирифта, мерафт. Виҷдонаш баъд азоб медод. Ҳисобу китоб карда бинад, хонадони беш аз 60 бенаворо толону торoҷ намудааст. Ва виҷдонаш дар азоб монд. Аз ин рӯ хоб ба чашмонаш бегона гардид. Тарсу бим тамоми вуҷудашро гирифта, тарк намекард. Аз ин рӯ ихтиёран ба шӯъбаи корҳои дохила рафта, айбашро ба гардан гирифту судро мунтазир аст. Хобаш мӯътадил гардида, аз дарде, ки пештар дар ниҳодаш буд, ягон заррае боқӣ намондааст.




### «Мурғакам, мурғҷонам»

Нафақахӯри итолиёвӣ Жованни Превит мурғе дорад, ки лақабаш Люҷия. Ҳамроҳи мурғаш бисёр мамлакатҳои ҷаҳонро тамошо кардааст. Барои ҳамроҳи мурғ саёҳат кардан чӣ қадар ҳуҷҷат зарур бошад, тахт мекунад. Аммо ҳини сафари навбатиаш ба Ҳӯлланд ӯро кормандони полиса хафа карданд. Онҳо бо баҳонаи паҳн гардидани маризӣ дар байни паррандагон мурғи ӯро «мусодира» намуданд. То омада муоина кардани духтури ҳайвонот баҳсу мунозираи полис ва Жованни суст нагардид. Духтур хулосаи мусбӣ дода бошад ҳам, меҳмони бетоқатро ҳамроҳи мурғаш аз ҳудуди мамлакат бароварда монданд. Алҳол мӯйсафед аз суди байналхалқӣ наҷот мепурсад ва зарари маънавии ба ӯ ва мурғаш расидаро талаб мекунад.

### Агар ҳамсарам ояд...

Ба қарибӣ кормандони раёсати назорати автомобилии Вологда ронандаи автомошини «Жигули»-ро доштанд, ки маст буд. На танҳо ҳуҷҷат надошт, балки аз ғояти кайф ному насаби худро гуфта натавонист. Ва мошинро ба истгоҳу ронандаро ба ҳушёрхона оварданд. Дар ҳушёрхона ронандаи маст ба воситаи телефони мобилӣ ба хонааш занг зад ва гуфт, ки ҳозир ҳамсарам меояду кор бо хубӣ намеанҷомад. Ҳақиқатан, баъди ягон даҳ дақиқа зани танумaнде ҳозир гардида, кормандони милисаро аз як тараф ҳақорат дода ҳатто погони якеи онро канда партофт. Ёрии иловагӣ ҷеғ зада, зану шавҳарро баробар ба як камера маҳкум сохтанд. Парвандаи ҷиноӣ кушода шуд. Дар айни замон шавҳар табобат мегирад. Чунки ҳамсараш дар камера ду қабурғаи ӯро зада шикастааст...

**(Аз рӯи маводи ВАО тарҷума ва таҳия гардидааст).**

---

*Варзиш*

# Марра наздик

***Чандест, ки дар маҷмӯи варзишию солимгардонии БМӮ чемпионати VI ҷаҳон оид ба футбол дар байни ногиронҳо-маслуқон давом дорад. Тавре ки маълум аст, тими яккачини мо мусобиқоти аввалинро бо футболбозони ҷамоаи Украина гузаронд.***

Хурсандиовар аст, ки ин талош ба фоидаи варзишгарони мо поён ёфт. Дар айни вақт тими яккачини футболбози Русия бо ҷамоаи Бразилия ба майдон баромад. Ин дафъа футболбозони Бразилия ғолибӣ карданд.

Баъди ин талошҳо пешқадамони турнири навбатӣ муайян гашт. Онҳо футболбозони мо ва Америкаи Ҷанубӣ буданд. Шанбеи гузашта ин ҳар ду ҷамоа дар майдон якдигарро имтиҳон карданд. Талош ба ҳисоби 1:1 якранг анҷом ёфт. Аз ҷамоаи мо ба дарвозаи ҳариф Абдуҷамил Шукуров тӯб даровард. Дарвозаи тими яккачини моро бошад, футболбози бразилиягӣ Хосе Донтантос ишғол кард. Дар талоши байни ҷамоаҳои Русия ва Украина бошад, фиристодагони Русия болодастӣ карданд.

Бояд таъкид кард, ки футболбозони мо аз ҷиҳати тӯб задан дар байни ҷамоаҳо пешқадам мебошанд. Ин баъди мусобиқаи ҷамоаҳо, ки рӯзи якшанбе шуда гузашт, маълум шуд. Ҳамон рӯз ҷамоаҳои Бразилия ва Украина, Ӯзбекистон ва Русия ба майдон баромаданд. Талоши Бразилия ва Украина ба фоидаи футболбозони Бразилия (2:0) анҷомид. Дар қувваозмоӣ бо футболбозони Украина варзишгарони мо ба ҳисоби 3:0 болодастӣ карданд. Тӯбҳоро Аъзам Исматов, Абдуҷамил Шукуров ва Ҳайдар Турсунбоев заданд.

Дирӯз ҷамоаҳо талошҳои финалро гузаронданд.

**Андрей КИМ.**

# Майдон дипломатия надорад

***Ду рӯзи истироҳат дар атрофи майдони сабзи футболи «Ҷар»-и Вазорати корҳои дохилии Ӯзбекистон агарчи ҳама мошинҳо рақами дипломатӣ доштанд, дар худи варзишгоҳ соҳибони он мошинҳо бо ҳам бозӣ мекарданд ва аз бархурду суръати ҳарбу зарб ва шиддати бозӣ эҳсос намегардид, ки дар майдон маҳз дипломатҳо ҳастанд.***

Мусобиқаи байни сафоратхонаҳои маскуни Ӯзбекистон аз рӯи мини-футбол, ки онро шӯъбаи Сервиси дипломатии Вазорати корҳои хориҷии Ӯзбекистон созмондиҳӣ мекунад, бори панҷум баргузор шуд. Азбаски он ба таври худ як санаи муҳим ҳам буд, нисбат ба мусобиқаҳои пешин боҳашаматтар ва серхарҷтар гардид.



Хуҷуми дипломатҳои Алҷазоир.

18 команда ба шаш гурӯҳ тақсим шуда, аз ҳар яки он яктоӣ ба марҳалаи дуюм роҳхат гирифтанд ва аз онҳо дар нимфинал командаҳои сафоратхонаҳои Озарбойҷон—Алҷазоир (5:2) ва Вазорати корҳои хориҷии (ВКХ) Ӯзбекистон—Исроил (4:7) қувва озмуданд. Дар бозиҳои нимфиналӣ агар ғолибон нисбатан ба осонӣ дастболо гардида бошанд, дар ҳарбу зарб барои ҷои сеюм ва финал хеле бошиддат буд ва маълум ҳам гардид, ки қувваҳои рақибон ба ҳам мос ҳам будааст. Ду командаи мағлуби нимфинал ВКХ (Ӯзбекистон) ва сафорати Алҷазоир барои ҷои сеюм бо ҳам чунон бозӣ карданд, ки пас аз вақти асосӣ (2:2) маҷбур гардиданд, ки ба дарвоза силсилаи зарбаҳои пеналтӣ зананд. Ва дар ин зарбаҳо дипломатҳои алҷазоирӣ дақиқтар буданд —3:2.

Дар финал бошад, ҳамагӣ як гол ба дарвозаи командаи Озарбойҷон дипломатҳои Исроилро ба ғалаба расонд.

Дар мусобиқаи имсол теъдоди ҳомиёни он низ зиёд буд, ки бештар аз дигарон дастгирии моддии дафтари хусусии доктор Шайх Султон бин Халиф Зайд Алнаҳайан ва намояндагии Шайх Сайф бин Зайд Алнаҳайан (Аморати Муттаҳидаи Араб), «Ӯзприватбанк», «Парвина банк», «Майванд» эҳсосшаванда буд. Дар ин асно бояд гуфт, ки ба таъбири кордори муваққатии Ҷумҳурии Исломии Эрон С.М.Алии Ҳусейнӣ «дил мехост бештар бо дипломатҳо бозӣ кунем, ки на дар ҳайати ҳама командаҳо танҳо дипломатҳо ва кормандони сафоратхонаҳо қувва озмуданд».

Дар поёни мусобиқаҳо барои бинандагон ва дипломатҳо консерт намоиш дода шуд ва ҳамчунин шоми варзишгоҳ бо мушакпарроиҳо чароғонтар ҳам гардид.

**Т.ИКРОМОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
**Суратгир: А.БЕЗРУЧКО.**

---

### Асарҳои нави саҳнавӣ

Дар вилояти Андиҷон якчанд театрҳо фаъолият меронанд, ки асарҳои дар саҳнаи онҳо намоиш додашударо мухлисон бо завқу шавқ тамошо мекунанд. Онҳо баробари намоиши асарҳои нави саҳнавӣ, инчунин шаби эҷодии санъаткорон, шоиру нависандагонро низ мегузаронанд. Аз ҷумла, шаби эҷодии ҳунарпешаи мардумӣ, мусиқашинос Ғуломҷон Ҳоҷиқулов, 60-солагии зодрӯзи ҳунарпешаи мардумӣ Ҳ.Олимҷонов, шоир ва драматург О.Холдор дар театрҳои вилоят тантанавор гузаронда шуд.

Ҷамоаи эҷодии театрҳои мусиқӣ-драмавии вилоятии ба номи Бобур, театри лӯхтаки «Лола» ба тамошобинон асарҳои нави саҳнавиро намоиш медиҳанд. Ҳунарпешагони театри ба номи Аббос Бакиров асарҳои С.Анвар «Осмондан тушган одам» («Одами аз осмон фуромада»), А.Дилмуҳаммадов—«Дил ва гул» ва ғайраро ба саҳна гузоштанд. Онҳо аз тарафи тамошобинон гарму ҷӯшон пешвоз гирифта шуданд.

Репертуари театри лӯхтаки «Лола» низ торафт ғанӣ мегардад. Ҷамоаи мазкур спектаклро дар асоси асари А.Норматов—«Бухорои Шариф ҳангомалари»-ро бо маҳорати баланд ба ҳукми тамошогарон ҳавола кард. Нақшҳоро баробари ҳунарпешагони номӣ санъаткорони ҷавон иҷро карда ба аҳсанти тамошобинон сазовор мегарданд.

**М.КАРИМОВА.**

### Тӯҳфа ба мактабиён

**Дар деҳаи Янгиободи хоҷагии ширкатии «Мингчинор»-и ноҳияи Булунғур бинои нави мактаб ба истифода дода шуд.**

Мактаб 120 шогирдро қабул карда метавонад. Дорои хонаҳои равшану фароҳ, синфхонаҳои муҷаҳҳаз бо компютеру лингафон, устохона аз рӯи таълими меҳнат, хонаи «Маънавият ва маърифат» ва майдони варзишӣ аст, ки табъи дили шогирдону омӯзгорон мебошад.

Маблағро барои сохтмон хоҷагии ширкатӣ пардохт, вале падару модарон ҳам дар канор намонданд. Кӯмаку ҳашарҳои онҳо даст дод, ки бино пеш аз мӯҳлат ба истифода супурда шавад.

**ОМИ «Туркистон-пресс».**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компютерхонаи идора чинда, саҳифабандӣ шуд.***

*Ҳаҷми насри бадей, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи дуинтервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*
***Рӯзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ӯзбекистон номнавис гардидааст. Тартиби номнависшуда № 16. Г - 936***
Адади нашр 1100. 23456

Ҳисоби сурати мо дар бонк: Ҳ/С 20212000800101767001, МФО 00423. Шӯъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.
Муҳаррири навбатдор: **Т. ОЛИМБОЕВ.**
Мусаҳҳеҳон: Т. Фаёзова, М. Додобоева.
Саҳифабанд: Х. Тӯхтаева.

Нишонии мо:
**700047 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ (тел./факс): 133 - 82 - 83; шӯъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.